# AGREEMENT ON COOPERATION
## between
## Tajik National University
## and
## University of Lucknow

The Tajik National University, Tajikistan represented by the rector Nasriddinzoda Emomali Sayfiddin, acting on the basis of the Charter, on the one hand, and University of Lucknow, India represented by the Vice Chancellor, University of Lucknow, India, acting on the basis of the Charter, on the other hand, hereinafter referred to as the "Parties", and individually - the "Party", agreed on as follows:

### 1. THE SUBJECT OF THE AGREEMENT

1.1. The subject of the Agreement is the cooperation of the Parties in the field of education and science, promoting the effective functioning of higher and postgraduate education systems, as well as innovative and scientific and technical cooperation in the implementation of joint programs of scientific research and technical development, including the exchange of leading scientists, graduate students, undergraduates, students in purposes:

– improving the efficiency of the educational process based on modern technologies and teaching aids;
– organization of scientific internships for teachers, researchers, doctoral students, undergraduates;
– organization of joint conferences, seminars, symposia with the involvement of interested partners and participation in their work;
– publication of joint results of scientific research in domestic and foreign scientific journals;
- exchange of students to perform various types of teaching load, including educational and industrial practices;
– promotion of information about the activities of the Parties;
– exchange of experience and results of work in the innovation and scientific and technical fields of activity;
– promotion and dissemination of developments;
– promoting the integration of international scientific and other organizations operating in the field of education into the scientific and technical space through the transfer of scientific and educational technologies;
– implementation of fundamental and applied research in the innovative, scientific, technical and educational fields of activity;
– scientific and methodological support of projects and expert activities;
– development of innovative models for the development of the system of additional professional education;
– exchange of experience and results in educational and research fields of activity;
– implementation of activities aimed at the development of innovations, including patent activities and technology transfer;
– implementation of international research projects and grants from various sources of funding in areas of mutual interest;

– active cooperation in other areas of activity agreed by the Parties.

1.2. The forms of joint events are: symposiums, seminars, conferences, round tables, advanced training and professional retraining courses, master classes, professional internships, implementation of joint research projects.

## 2. RIGHTS AND OBLIGATIONS OF THE PARTIES

2.1. The Parties undertake to combine their efforts and act jointly without forming a legal entity in the field of educational, scientific and innovative activities, scientific research and high technology business.

2.2. The Parties have the right to enter into legal relations, both among themselves and with third parties, aimed at interaction and coordination of the efforts of the Parties to achieve the goals provided for in clause 1.1. actual agreement.

2.3. This Agreement does not impose financial obligations on the signatory Parties.

2.4. All activities under the Agreement are carried out on a gratuitous and paid basis between the Parties and are not confirmed (or are confirmed) by certificates of work performed.

2.5. By agreement of the Parties, individual works (services) may be paid. In this case, the Parties shall draw up a separate agreement (contract).

2.6. The Parties shall interact within the framework of applicable laws on the principles of voluntariness, openness and parity of the Parties.

2.7. Under this Agreement, the Parties have the right to place advertising and informational booklets, to inform the business community about the joint activities of the Parties.

2.8. Under this Agreement, the Parties do not have the right to use the image, reputation, and symbols of each other in order to obtain material benefits for one of the Parties without an appropriate agreement between the Parties.

2.9. The Parties undertake to inform each other about the implementation of joint activities under this Agreement.

2.10. The Parties undertake to maintain the confidentiality of information that has become known in connection with the execution of this Agreement.

2.11. The Parties shall not be liable for failure to fulfill the terms of this Agreement caused by the failure of one of the Parties to provide the requested documents and (or) information.

## 3. DISPUTES RESOLUTION

3.1. The Parties will take all measures to resolve disputes and disagreements that may arise under this Agreement through negotiations and consultations.

## 4. OWNERSHIP OF INFORMATION AND THE RESULTS OF THE IMPLEMENTATION OF THE AGREEMENT

4.1. Each of the Parties retains the right of intellectual property, which it possessed before signing this Agreement. Ownership of materials, information and results obtained during the implementation of this Agreement must be agreed in advance by the Parties and properly executed.

## 5. FINAL PROVISIONS

5.1. The Agreement comes into force from the moment of its signing by the Parties and is valid indefinitely.

5.2. The Agreement may be amended or terminated by agreement of the Parties at any time. The Party notifies the other Party of the decision to terminate the Agreement by an official letter not later than one month before the expiration of the Agreement.
5.3. The conclusion of this Agreement and the provision of services under it is not an obstacle to the conclusion by the Parties of other agreements, and also does not exclude the possibility of such agreements between the Parties with other institutions and organizations on the subject provided for in clause 1.1. actual agreement.
5.4. Additional agreements to the Agreement are concluded in writing, are its integral parts and come into effect from the moment of signing by the Parties.

**6. FINANCING**

6.1. Each of the Parties shall bear all costs associated with the implementation and implementation of joint projects in accordance with the terms of the signed agreements. Expenses related to business trips and stay of the executors fulfilling the Agreement are determined by the Parties in working order.

**7. OTHER TERMS**

7.1. The Parties are not entitled to transfer their rights and obligations under this Agreement to third parties without the written consent of each other.
7.2. All current correspondence during the implementation of this Agreement will be carried out in writing by mail or e-mail.
7.3. This Agreement is made in two copies in Russian, having equal legal force, one copy for each of the Parties.

**8. ADDRESSES AND SIGNATURES OF THE PARTIES**

**University of Lucknow**

**Address:**
University of Lucknow,
Badshah Bagh, Lucknow, 226007,
India, Phone: (+91) 5222740467
E-mail: vc@lkouniv.ac.in

Signed by and on behalf of the University

Signature: ____________________
Vice Chancellor: Prof. Alok Kumar Rai

Signature: ____________________
Witness: Prof. Geetanjali Mishra
Dean, Academic Cell
University of Lucknow
Email: deanacademicslu@gmail.com

Date: 14/01/2025

**Tajik National University**

**Address:**
Rudaki Avenue, 17, 734025,
Dushanbe, Republic of Tajikistan
Phone: (+992 -37) 227-72-72
E-mail: info@tnu.tj

Signed by and on behalf of the University

Signature: ____________________
Rector: Prof. E.S. Nazriddinzoda

Signature: ____________________
Witness: Gaffozoda Ilyosjon Gaffor – Vice-rector for International Relations
E-mail: tnu.int.re@gmail.com

Date: 14. 01. 2025

# ШАРТНОМАИ ҲАМКОРӢ
## байни
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи Лакнау

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар шахсияти ректор Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин, ки дар асоси Оинномa амал мекунад, аз як тараф, ва Донишгоҳи Лакнауи Ҳиндустон дар шахсияти ноиби ректор Алок Кумар Рай, ки дар асоси Оиннома амал менамояд, аз тарафи дигар, минбаъд якҷоя ҳамчун “Тарафҳо” ва дар алоҳидагӣ “Тараф” номида мешаванд, чунин мувофиқа карданд:

## 1. МАҚСАДИ ШАРТНОМА

1.1. Мақсади шартнома ин ҳамкории Тарафҳо дар соҳаи маориф ва илм, рушди низоми таҳсилоти олӣ ва баъдидипломӣ, инчунин ҳамкориҳои инноватсионӣ ва илмӣ-техникӣ дар татбиқи барномаҳои муштараки тадқиқоти илмӣ ва рушди техникӣ мебошад, аз он ҷумла:

- баланд бардоштани самаранокии раванди таълим дар асоси технологияҳои муосир ва дастурҳои таълимӣ-методӣ;
- ташкили таҷрибаомӯзии илмии омӯзгорон, кормандони илмӣ, докторантон, магистрантон;
- ташкили конференсияҳои муштарак, семинарҳо, симпозиумҳо бо ҷалби шарикони манфиатдор ва иштирок дар кори онҳо;
- интишори натиҷаҳои муштараки таҳқиқоти илмӣ дар маҷаллаҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ;
- табодули донишҷӯён ҷиҳати иҷрои нақшаҳои таълимӣ, аз ҷумла гузаронидани таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ;
- паҳн намудани маълумот дар бораи кору фаъолияти Тарафҳо;
- мубодилаи таҷриба ва натиҷаҳои кор дар соҳаҳои инноватсионӣ ва илмӣ-техникӣ;
- инкишоф додан ва паҳн намудани ихтироот;
- мусоидат ба ҳамгироии ташкилотҳои байналмилалии илмӣ ва дигар ташкилотҳои дар соҳаи маориф фаъолияткунанда ба фазои илмӣ-техникӣ тавассути интиқоли технологияҳои илмӣ ва таълимӣ;
- татбиқи таҳқиқоти бунёдӣ ва амалӣ дар соҳаҳои инноватсионӣ, илмӣ-техникӣ ва таълимӣ;
- пешбурди лоиҳаҳои илмӣ-методӣ ва фаъолияти экспертӣ;
- таҳияи моделҳои инноватсионии рушди низоми таҳсилоти иловагии касбӣ;
- мубодилаи таҷриба ва натиҷаҳо дар соҳаҳои таълимӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ;
- амалӣ намудани чорабиниҳое, ки ба рушди инноватсия, аз ҷумла фаъолияти патентӣ ва технология равона карда шудаанд;
- ҷиҳати соҳаҳои манфиати мутақобила татбиқи лоиҳаҳои байналмилалии таҳқиқотӣ ва грантҳо, ки аз манбаъҳои гуногуни манънакардаи қонунгузории Тарафҳо маблағгузорӣ карда мешванд;
- ҳамкории фаъол дар дигар соҳаҳои фаъолият, ки аз ҷониби Тарафҳо мувофиқа карда шудаанд.

1.2. Шаклҳои чорабиниҳои муштарак симпозиумҳо, семинарҳо, конфронсҳо, мизҳои мудаввар, курсҳои такмили ихтисос, мастер-классҳо, таҷрибаомӯзиҳои касбӣ, татбиқи лоиҳаҳои муштараки илмӣ мебошанд.

## 2. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

2.1. Тарафҳо уҳдадор мебошанд, ки кӯшишҳои худро муттаҳид намуда, бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти таълимӣ, илмӣ ва инноватсионӣ, таҳқиқоти илмӣ ва тиҷорати баландтехнологӣ якҷоя амал намоянд.

2.2. Тарафҳо ҳуқуқ доранд, ки ҳам байни худ ва ҳам бо шахсони сеюм муносибатҳои ҳуқуқӣ дошта бошанд, ки тариқи ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии кӯшишҳои Тарафҳо барои расидан ба ҳадафҳои пешбининамудаи дар банди 1.1 созишномаи мазкур амалӣ карда мешаванд.

2.3. Созишнома ба Тарафҳои имзокунандаи он уҳдадориҳои молиявӣ вогузор намекунад.

2.4. Тамоми чорабиниҳо тибқи Созишномаи мазкур ройгон гузаронида шуда, дар ҳолати гузаронидани чорабиниҳои иловагии пулакӣ аз ҷониби тарафҳо пардохт карда мешавад.

2.5. Бо созиши Тарафҳо барои корҳои алоҳида (хизматрасониҳо) пардохт пешбинӣ карда мешавад. Дар ин ҳолат Тарафҳо созишномаи алоҳида мебанданд.

2.6. Тарафҳо дар доираи қонунгузории амалкунанда дар асоси принсипҳои ихтиёрӣ, ошкорбаёнӣ ва баробарии Тарафҳо ҳамкорӣ мекунанд.

2.7. Дар доираи ин Созишнома Тарафҳо ҳуқуқ доранд, ки буклетҳои таблиғотӣ ва иттилоотӣ паҳн намоянд, то ҷомеаи тиҷоратиро дар бораи фаъолияти муштараки Тарафҳо огоҳ созанд.

2.8. Тибқи Созишномаи мазкур Тарафҳо ҳуқуқ надоранд, ки имиҷ, обрӯ ва рамзҳои якдигарро бо мақсади ба даст овардани фоидаи тиҷоратӣ барои яке аз Тарафҳо бе созишномаи дахлдор истифода намоянд.

2.9. Тарафҳо уҳдадоранд, дар доираи масъалаҳое, ки ба Созишномаи мазкур дахл доранд, ҳамдигарро дар бораи фаъолияти муштарак огоҳ намоянд.

2.10. Тарафҳо уҳдадор мебошанд, ки иттилооти дар робита ба иҷрои ин Созишнома маълумшударо махфӣ нигоҳ доранд.

2.11. Тарафҳо дар ҳолати иҷро накардани пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва (ё) маълумоти дархостшуда дар асоси шартҳои Созишномаи мазкур, ки аз ҷониби яке аз Тарафҳо ба вуҷуд омадааст, ҷавобгар нестанд.

## 3. ҲАЛЛИ БАҲСҲО

3.1. Тарафҳо барои ҳалли баҳсҳо ва ихтилофоте, ки дар доираи ин Созишнома ба миён омада метавонанд, тавассути гуфтушунид ва машварат чораҳоро меандешанд.

## 4. МОЛИКИЯТ БА ИТТИЛООТ ВА НАТИҶАҲОИ ИҶРОИ СОЗИШНОМА

4.1. Ҳар як тараф ҳуқуқи моликияти зеҳниро, ки то ба имзо расидани ин Созишнома дошт, нигоҳ медорад. Моликият ба мавод, иттилоот ва натиҷаҳои дар ҷараёни татбиқи ин Созишнома бадастомада бояд аз ҷониби Тарафҳо пешакӣ мувофиқа ва ба таври дахлдор ба расмият дароварда шавад.

## 5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

5.1. Созишнома аз лаҳзаи ба имзои расидан аз ҷониби Тарафҳо эътибор пайдо мекунад ва бемуҳлат мебошад.

5.2. Тарафҳо метавонад дар дилхоҳ вақт бо розигии тарафайн ба Созишнома тағйироту илова ворид намоянд ё амали онро қатъ кунанд. Як тараф ба тарафи дигар дар бораи қарори бекор кардани Созишнома бо мактуби расмӣ на дертар аз як моҳ пеш аз бекор намудан муроҷиат менамояд.

5.3. Бастани ин Созишнома ва иҷрои он ба бастани созишномаҳои дигар аз ҷониби Тарафҳо монеагӣ намесозад ва инчунин бастани чунин созишномаҳоро байни Тарафҳо бо дигар муассисаҳо ва ташкилотҳо дар мавзуи пешбининамудаи банди 1.1 Созишномаи мазкур имкон медиҳад.

5.4. Шартҳои иловагӣ ба ин Созишнома дар шакли хаттӣ илова мешаванд,

инчунин қисмҳои ҷудонашавандаи он ҳисобида шуда, аз лаҳзаи ба имзо расидан аз ҷониби Тарафҳо эътибор пайдо мекунанд.

**6. МАБЛАҒГУЗОРӢ**

6.1. Ҳар як Тараф тамоми хароҷоти марбут ба татбиқи лоиҳаҳои муштаракро тибқи шартҳои созишномаҳои имзошуда ба зимма мегирад. Хароҷоти вобаста ба сафарҳои хизматӣ ва будубоши иҷрокунандагони Созишномаро Тарафҳо бо тартиби корӣ муайян мекунанд.

**7. ШАРТҲОИ ДИГАР**

7.1. Тарафҳо ҳуқуқ надоранд ухдадориҳои худро тибқи Созишномаи мазкур ба шахсони сеюм бе розигии хаттии якдигар вогузор намоянд.

7.2. Тамоми мукотиботи ҷорӣ дар ҷараёни татбиқи ин Созишнома дар шакли хаттӣ тавассути почта ё почтаи электронӣ сурат мегирад.

7.3. Созишномаи мазкур дар ду нусха бо забони тоҷикӣ ва англисӣ, ки қувваи баробари ҳуқуқӣ доранд, тартиб дода шудааст.

**8. СУРОҒАҲО ВА ИМЗОҲОИ ТАРАФҲО**

**Донишгоҳи Лакнау**

**Суроға:** Бадшоҳ Баг, Лакхнау, 226007, Ҳиндустон,
тел.: (+91) 5222740467
E-mail: vc@lkouniv.ac.in

Имзо: ____________________
Муовини ректор: проф. Алок Кумар Рай

Имзо: ____________________
Шоҳид: Проф. Гитанҷалӣ Мишра, декан
Email: deanacademicslu@gmail.com

Сана: 14/01/2025

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Суроға:** хиёбони Рудакӣ, 17, 734025, Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон
тел: (+992 -37) 227-72-72
E-mail: info@tnu.tj

Имзо: ____________________
Ректор: проф. Насриддинзода Э.С.

Имзо: ____________________
Шоҳид: Ғаффорзода Илёсҷон Ғаффор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ
E-mail: tnu.int.re@gmail.com

Сана: 14. 01. 2025